ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ҚАРОРИ ШУРОИ ОЛИМОНИ
МДТ – "ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН»

735320, н.Данғара, к. Исмат Шарифов - 3. Тел.: (83312) 21035; Факс: 21034 E-mail: info@khatmedun.tj Web: www.khatmedun.tj

аз 01 апрели соли 2023, №08/07 **н.Данғара**

"Дар бораи тасдиқ намудани
Низомномаи шурои олимони ДДТХ"

Шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон дар асоси қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.2023, №3/3, "Низомномаи шурои олимони ДДТХ" – ро дар таҳрири нав баррасӣ намуда, дар асоси талаботи банди 98-и Оинномаи ДДТХ,

ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Низомномаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон тасдиқ карда шавад (Низомнома замима мегардад).
2. Котиби шурои олимон вазифадор карда мешавад, ки фаъолияти минбаъдаи шурои олимонро дар асоси Низомномаи мазкур ба роҳ монад.
3. Низомномаи шурои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон, ки бо қарори шурои олимон аз 29.09.2016, таҳти №02/05 тасдиқ шудааст, аз эътибор соқит дониста шавад.
4. Ба шуъбаи таҳлил, назорат ва робита бо ҷомеа ва котиби шурои олимони донишгоҳ супориш дода мешавад, ки тамоми аъзои шурои олимон ва сохторҳои дахлдори донишгоҳро бо Низомномаи мазкур шинос намоянд.

Раиси шурои олимон,
узви вобастаи АМИТ,
д.и.т., профессор У. Қурбон

Котиби шурои олимон,
н.и.ф. Саидова М.Р.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ
ТИББИИ ХАТЛОН
KHATLON STATE
MEDICAL UNIVERSITY

Бо қарори Шурои олимони ДДТХ
аз « 01 » апрели соли 2023,
№08/07
тасдиқ шудааст.

НИЗОМНОМАИ
ШУРОИ ОЛИМОНИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН

Данғара – 2023

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи Шӯрои олмони Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон (минбаъд - Низомнома) тартиби ташкил, фаъолият, ҳайат, ваколат, ҳуқуку уҳдадориҳои аъзоён ва дигар масъалаҳои Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлонро (минбаъд - шурои олимон), ки мақоми олии идоракунии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошад, муайян менамояд.

2. Шурои олимон бо мақсади баррасӣ ва ҳаллу фасли саривақтии масъалаҳои асосии раванди таҳсилот, корҳои тарбиявӣ, илмию таҳқиқотӣ, созандагӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, фаъолияти молиявию хоҷагидории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таъсис дода мешавад.

3. Шурои олимон дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ҳамин Низомномаро ба роҳбарӣ мегирад.

4. Шурои олимон мақоми коллегиалӣ буда, роҳбарии умумии Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлонро таъмин менамояд.

5. Шурои олимон фаъолияти худро дар асоси принсипҳои ошкорбаёнӣ ва муҳокимаи дастаҷамъонаи масъалаҳо ба роҳ мемонад.

6. Шурои олимон метавонад намояндагии гурӯҳҳои гуногун, кормандон ва донишҷӯён, инчунин дигар бахшҳои сохтории муассисаи таълимиро дар бар гирад.

2. ҲАЙАТИ ШУРОИ ОЛИМОН

7. Шумораи ҳайати шурои олимон, меъёрҳои намояндагӣ аз воҳидҳои сохторӣ (квотаҳо) ва тартиби интихобот аз ҷониби ҷаласаи васеи кормндони илмӣ-педагогӣ, инчунин намояндагони гурӯҳҳои дигари кормандон ва донишҷӯёни муассисаи таълимӣ муайян карда мешавад.

8. Ба ҳайати шурои олимон муовинони ректор , деканҳои факултетҳо, мудирони кафедраҳо, мудири китобхона, сардорони шуъбаҳо намояндгони тамоми гурӯҳҳои кормандон ва донишҷӯёни ДДТХ, итифоқҳо ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятии ДДТХ интихоб шуда метавонад.

9. Тартиби интихоби ҳайати аввали шурои олимон дар ҷаласаи васеи кормандони муассисаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

10. Квотаи намояндагӣ аз воҳидҳои сохторӣ ва тартиби интихоби аъзоён ба ҷаласаи васеи кормандони муассисаи таълимӣ аз ҷониби шурои олимони амалкунанда муайян карда мешавад. Аъзои шурои олимон бидуни пешбарӣ ва овоздиҳии иловагӣ вакили ҷаласаи васеи кормандони муассисаи таълимӣ маҳсуб меёбанд. Зимнан, шумораи онҳо набояд зиёда аз 50%-и шумораи умумии аъзоёни ҷаласаи васеи кормандони муассисаи таълимиро ташкил диҳад.

11. Ҳайати шурои олимон бо фармоиши ректори ДДТХ дар асоси қарори ҷаласаи васеи кормандони муассисаи таълимӣ тасдиқ карда мешавад.

12. Аъзои шурои олимон дар мавриди аз кор озод шуданаш аз ҳамон лаҳза аз ҳайати шурои олимон хориҷ мегардад.

13. Аъзои нави шурои олимон тибқи тартиби муқарраргардида интихоб гардида, бо фармоиши ректори ДДТХ тасдиқ карда мешавад.

14. Муҳлати ваколатҳои шурои олимон наметавонад аз 5 сол зиёд бошад. Аз нав ва пеш аз муҳлат интихоб намудани аъзои шурои олимон бо тарафдории на кам аз нисфи аъзои шурои олимон гузаронида мешавад.

15. Дар муассисаи таҳсилоти олии касбии навтаъсис то созмон ёфтани шурои олимон пурра кардани ҳайати омӯзгорон, кормандони илмӣ ва дигар гурӯҳҳои кормандон аз ҷониби оинномаи муассиса ба танзим дароварда мешавад, ки онро муассис ба мудати на беш аз як сол тасдиқ менамояд. Масъалаҳои меҳнатӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва касбӣ дар доираи шартномаи коллективӣ ҳал шуда, қабул ва татбиқи онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

16. Тағйир додани ҳайат ва шумораи аъзои шурои олимон дар доираи ваколатҳо дар ҳолатҳои зерин имкон дорад:

- ҳангоми дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсис ёфтани воҳидҳои сохториву зерсохтории нави сатҳи умумимуассисавӣ бо теъдоди ҳади ақалли квотаҳои муқаррарнамудани ҷаласаи васеи кормандони муассисаи таълимӣ барои сохтори мавҷуда, ки ҳангоми интихоботи шурои олимон ба амал омадааст;
- ҳангоми ба амал омадани тағйироти назаррас дар сохтори мавҷудаи воҳидҳои сохтории таълимӣ-илмӣ (таъсиси сохтори нав ё ихтисоршавӣ);
- бо хоҳиши худаш ва муроҷиати хаттӣ аз аъзогии шурои олимон даст кашидани аъзои шурои олимон;
- дар сурати фавти аъзо.

17. Дар ҳама ҳолатҳои зикршуда гузаронидани интихоботи такрорӣ ва ё бозхонди аъзои шурои олимон аз ин сохторҳо дар муҳлатҳои ваколати шурои олимони амалкунанда мувофиқи квотаҳои муқарраршуда ногузир мебошад.

18. Ваколатҳои аъзои шурои олимонро пеш аз муҳлат қатъ кардан мумкин аст:

- бо сабаби ба охир расидани муҳлати шартнома ва ба муҳлати нав интихоб нагардидан;
- бо хоҳиши худ ба унвонии ректори муассисаи таълимӣ ариза пешниҳод кардан;
- дар робита ба бозхонди воҳиди сохторӣ;
- бинобар имконнопазир будани иҷрои вазифаҳои аъзои шурои олимон (бемории тулонӣ, сафарии хизматии тулонӣ)
- зиёда аз 2 маротиба бесабаб дар ҷаласаҳои шурои олимон иштирок накардан;
- дар сурати аз кор озод шудани аъзои шурои олимон.

3. ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ ШУРОИ ОЛИМОН

19. Вазифаҳои шурои олимон аз инҳо иборат мебошад:

- амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маориф ва илм, аз ҷумла консепсия, барномаҳои давлатӣ, лоиҳаҳои инвеститсионӣ ва таҳияи пешниҳод оид ба такмили онҳо;
- мутаҳид намудан ва самаранок истифода бурдани нерӯи илмӣ, таълимӣ ва методии ҳайати профессорону омӯзгорон ва кормандони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин захираҳои моддӣ;
- назорат ва баррасии ҷараён ва натиҷаи фаъолияти солонаи таълиму тарбия, корҳои илмию таҳқиқотӣ, эҷодию ҳунарӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, молиявӣ ва хоҷагидорӣ:

- шунидани ҳисоботи ректор, муовинони ректор, сардорони раёсатҳо, деканҳо ва роҳбарони дигар сохторҳои зертобеъ, ташкилотҳои ҷамъиятии назди муассисаи таълимӣ оид ба фаъолияти таълимӣ, илмию таҳқиқотӣ ва корҳои тарбиявии омода кардани мутахассисон:
- шунидани ҳисобот ва баррасии масъалаҳои марбут ба фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаи таълимӣ
- таҳияи пешниҳод ба Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳое, ки муассисаи таълимӣ дар сохтори он мебошад, вобаста ба рушди муассисаи таълимӣ, аз ҷумла оид ба беҳтар кардани фаъолият, баланд бардоштани сифати омода намудани мутахассисони рақобатпазири ватанӣ, инкишофи илм ва заминаи моддию техникӣ:
- дастгирии ташаббусу навгониҳо оид ба баланд бардоштани мазмуну мундариҷаи таҳсилоти олӣ ва вусъат бахшидан ба раванди стандартҳои ҷаҳонии таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ;
- баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои хусусияти бунёдидоштаи раванди таълиму тарбия;
- таҳлили вазъхи татбиқи технологияҳои инноватсионию коммуникатсионӣ дар раванди таълими фанҳои тахассусӣ;
- баррасии баргузории конференсияҳо семинарҳо ва дигар чорабиниҳои таълимию илмӣ оид ба масъалаҳои таҳсилоти олӣ ва илм бо мақсади такмили ихтисос ва баланд бардоштани сатҳи донишу ҷаҳонбинии кормандони муассисаи таълимӣ;
- қабули қарорҳои дахлдор ҷиҳати тавсия намудани китобҳои дарсӣ адабиётҳо ва тавсияномаҳои илмӣ (монография) барои чоп ва истифодабарӣ;
- баррасиии масъалаҳои дигари марбут ба фаъолияти муассисаи таҳсилоти олии касбӣ.

4. ВАКОЛАТҲОИ ШУРОИ ОЛИМОН

20. Ба ваколатҳои шурои олимон дохил мешаванд:

- тасдиқ ва тағйир додани Оинномаи муассисаи таълимӣ;
- тасдиқи ҳисоботҳои се, шаш, нӯҳ, солона ва тавозуни муҳосибавии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ;
- таъсисдиҳӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии сохторҳои муассисаи таълимӣ;
- пешниҳод оид ба такмил ва тағйирот дар нақша ва барномаҳои таълимии омода кардани мутахассисон;
- танзими масъалаҳои ташкили раванди таълим, аз ҷумла тағйири таносуби машғулиятҳои гуногуни таълимӣ, корҳои мустақилона ва амалии донишҷӯён;
- тағйир ва пуррагардонии меъёрҳои намунавии вақт барои ҳисоби ҳаҷми умумии корҳои таълимӣ ва нақшаҳои таълимӣ;
- тавсияи номзадҳо ҷиҳати дарёфти стипендияи донишҷӯён;
- тасдиқи захираҳои молиявӣ ва меҳнатӣ;
- тасдиқи нақшаи корҳои таҳқиқоти илмӣ ва эҷодии кормандони илмию омӯзгорӣ;
- ташкили озмун барои ишғоли вазифаҳои холии профессорӣ, дотсентӣ, муаллими калон ва мудирони кафедраҳо;
- тасдиқи харҷномаи даромад ва хароҷоти ғайрибуҷавии муассисаи таълимӣ;
- таъсиси гурӯҳҳои кории муваққатӣ ва доимӣ ҷиҳати таҳияи таклифу пешиҳод барои иҷрои вазифаҳои ба шурои олимон вогузоршуда;
- муайянкунии принсипҳои тақсимоти захираҳои молиявӣ, моддӣ ва меҳнатӣ;
- ҳаллу фасли масъалаҳои муҳимтарини таълимӣ, тарбиявӣ, муносибатҳои байналмилалӣ, илмӣ-таҳқиқотӣ ва фаъолияти истеҳсолӣ;
- ба муассис пешниҳод намудан оид ба таъсис ё барҳам додани филиалҳо ва факултетҳои муассисаи таълимӣ;

- бо тартиби муқарраршуда пешниҳод манзур намудан ҷиҳати гирифтани унвони илмии профессор ва дотсент;
- пешбарии номзадҳо барои соҳиб гардидан ба мукофотҳои давлатӣ;
- додани унвонҳои ифтихорӣ ва стипендияҳои номии муассисаи таълимӣ;
- қабули қарорҳо оид ба баланд бардоштани сифати омода намудани мутахассисон ва дараҷаи таҳқиқотҳои илмӣ;
- тасдиқи мавзӯҳо ва роҳбарон (мушовирон)-и илмии докторантони ҳабилитат, (докторантони анъанавӣ), докторантон аз рӯи ихтисос (PhD), унвонҷӯён, магистрантон, инчунин мавзуъҳои корҳои хатм ва роҳбарони зинаи бакалаврият;
- дигар ваколатҳое, ки қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст.

5. РОҲБАРИИ ШУРОИ ОЛИМОН

21. Шурои олимон аз раис, муовини раис, котиби шурои олимон ва аъзо иборат мебошад.

22. Раиси шурои олимон ректори донишгоҳ мебошад. Муовини раиси шурои олимон муовини якуми ректори донишгоҳ мебошад, ки аз ҷониби раиси шурои олимон таъин гардида, ҳангоми иштирок надоштани раис ваколатҳои ӯро иҷро менамояд.

23. Раиси шурои олимон дорои ваколатҳои зерин мебошад:
- ба ҷаласаҳои шурои олимон раисӣ менамояд;
- ҷаласаро аз рӯи рӯзномаи тасдиқшуда баргузор менамояд;
- риояи низом (реҷаи корӣ, регламент)-ро назорат менамояд;
- нақшаи кор, рӯзномаи маҷлис ва руйхати ба маҷлиси шурои олимон даъватшударо тасдиқ менамояд;
- ба протоколи маҷлиси шурои олимон имзо менамояд;
- масъалаи баргузории маҷлиси навбатӣ ва ғайринавбатии шурои олимонро ҳал менамояд;
- ба рӯзномаи маҷлиси шурои олимон масъалаҳое, ки баррасии фавриро талаб мекунанд, ворид менамояд;
- оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба ҳайати шурои олимон ва низомномаи он таклиф пешниҳод менамояд.

24. Ваколатҳои муовини раиси шурои олимон:
- дар мавриди набудани раиси шурои олимон ҷаласаи шурои олимонро раисӣ менамояд;
- дар ташкили кори шурои олимон ва омода намудани нақшаи кори он иштирок менамояд;
- иҷрои дигар супоришҳои раиси шурои олимонро таъмин менамояд.

26. Ташкили фаъолияти шурои олимони муассисаи таълимӣ ба зиммаи котиби шурои олимон вогузор мегардад, ки ректори донишгоҳ онро аз ҷумлаи аъзои шурои олимон ба вазифа таъин ва озод менамояд.

27. Ба вазифаи котиби шурои олимони муассисаи таълимӣ шахсе таъин карда мешавад, ки дорои таҳсилоти олӣ, дараҷаву унвони илмӣ, малакаи кор дар компютер, озодона гуфтугӯ кардан ва қобилияти таҳияи ҳуҷҷатҳоро бо забонҳои давлатӣ ва русӣ ва собиқаи корӣ дар муассисаи таълимӣ на камтар аз 5 солро дошта бошад.

28. Ваколатҳои котиби шурои олимон:
- лоиҳаи протоколҳои маҷлиси шурои олимон ва дигар ҳуҷҷатҳои содиротиро омода менамояд;
- як ҳафта пеш аз ҷаласаи навбатии шурои олимон лоиҳаи қарорҳои масъалаҳои баррасишавандаро ба аъзои шурои олимон тариқи электронӣ ирсол менамояд;
- аъзои шурои олимонро доир ба баргузории ҷаласаи шурои олимон огоҳ менамояд;

- таҳия ва ворид намудани пешниҳодро ба нақшаи кори шурои олимон ташкил менамояд;
- ҷараёни иҷрои нақшаи кор ва протоколҳои ҷаласаи шурои олимонро назорат менамояд;
- дар 6 моҳ як маротиба оид ба иҷрои қарорҳои шурои олимон дар ҷаласаи шурои олимон ҳисобот медиҳад;
- фаъолияти ташкилию техникӣ ва иттилоотии шурои олимонро таъмин менамояд;
- аъзои шурои олимонро, ки ҳузур доранд, ба қайд мегирад;
- протоколи маҷлис ва овоздиҳиро ташкил мекунад;
- протоколи ҷаласаро тартиб медиҳад ва аз қарорҳои шурои олимон иқтибос меорад;
- парвандаҳои шахсиро барои додани унвонҳои илмӣ омода мекунад ва ба низом медарорад;
- бо парвандаҳои озмунии ҳайати омӯзгорон кор мебарад;
- аз болои кори шурои олимони факултетҳо ва котибони онҳо назорат ва машварат менамояд;
- иҷрои вазифаҳои дигари ба самти ӯ вобастадоштаро таъмин менамояд.

29. Ҳуқуқҳои аъзои шурои олимон:

- дар ҷаласаҳои шурои олимон шахсан бо ҳуқуқи овози ҳалкунанда иштирок менамоянд;
- ба рӯзномаи ҷаласа ва нақшаи кори шурои олимон таклиф пешниҳод менамоянд;
- ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи шурои олимон номзадии кормандии муассисаи таълимӣ ва шахсони алоҳидаро пешниҳод менамоянд;
- дар омода кардани ҳуҷатҳои ҷаласаҳои шурои олимон иштирок менамоянд;
- дар баррасии масъалаҳои муҳокимашаванда иштирок карда, фикру андешаи худро оид ба он баён менамоянд;
- оид ба масъалаҳои ташкили комиссияҳо ва гурӯҳҳои корие, ки шурои олимон созмон медиҳад, пешниҳод манзур менамоянд;
- маводи ҷаласаҳои шурои олимонро, ки ба онҳо вобастагӣ дорад ва ё бо ташаббуси онҳо ба баррасӣ пешниҳод гардидаанд, таҳия менамоянд;
- маълумоти зарурирo бо дархости раиси шурои олимон ё муовини ӯ оид ба масъалаҳои дахлдор пешниҳод менамоянд.

30. аъзои шурои олимон уҳдадоранд:

- дар ҷаласаҳои шурои олимон иштирок намоянд;
- дар овоздиҳии (кушода ё пинҳонӣ) иштирок намоянд;
- пеш аз оғози ҷаласа ва ҳангоми гирифтани бюллетенҳои овоздиҳии пинҳонӣ дар рӯйхати ҳозирон сабти ном шаванд;
- оид ба кори худ дар бахшҳое, ки дар шурои олимон намояндагӣ мекунанд ҳисобот диҳанд;
- супоришҳои дигари раиси шурои олимонро иҷро намоянд.

6. ТАРТИБИ КОРИ ШУРОИ ОЛИМОН

31. Шурои олимон фаъолияти худро дар асоси нақшаи кор, ки он дар ҷаласаи якуми шурои олимон ба муҳлати як соли таҳсил қабул ва аз ҷониби раиси он тасдиқ карда мешавад, ба роҳ мемонад.

32. Нақша кори шурои олимон дар асоси пешниҳоди ректор, муовинони ректор, деканон ва аъзои шурои олимон таҳия карда мешавад.

33. Нақшаҳои фаъолияти комиссияҳои шурои олимон, ки дар асоси Нақшаи кори шурои олимон тартиб дода мешавад, аз ҷониби роҳбарони комиссияҳо тасдиқ мегарданд.

34. Шакли асосии фаъолияти шурои олимон ҷаласаи шурои олимон мебошад, ки тибқи нақшаи кори шурои олимон, инчунин қарори раиси шурои олимон гузаронида мешавад.

35. Тартиби кори шурои олимон аз ҷониби раиси шурои олимон ва ё бо супориши ӯ аз ҷониби муовини раиси шурои олимон муайян карда мешавад.
36. Ҷаласаи шурои олимонро раиси шурои олимон ва ё бо супориши ӯ муовини раиси шурои олимон мегузаронад.
37. Ҷаласаи шурои олимон дар як моҳ на камтар аз як маротиба баргузор карда мешавад. Дар ҳолати зарурӣ шурои олимон метавонад, ҷаласаи ғайринавбатии худро баргузор намояд, ки дар он танҳо масъалаҳое баррасӣ карда мешаванд, ки асоси даъвати шурои олимон гардидаанд.
38. Ҷаласаи шурои олимон дар мавриде салоҳиятдор ҳисоб карда мешавад, ки дар кори он аз 2/3 ҳиссаи аъзои шурои олимон иштирок намоянд. Аъзои шурои олимон дар кори ҷаласаи он бидуни ҳуқуқи ивазшавӣ ширкат меварзад.

7. ТАРТИБИ ТАШКИЛИ КОРИ ШУРОИ ОЛИМОН

39. Шурои олимон дар ҳайати пурраи худ ва тавассути комиссияҳои доимӣ ва муваққатӣ фаъолият менамояд.
40. Раиси комиссияи доимиро шурои олимон интихоб намуда, комиссияи доимӣ ва кори онро ташкил менамояд.
41. Вазифаҳои комиссияҳои шурои олимон:
- таҳияи пешакии масъалаҳое, ки ба ҷаласаи шурои олимон пешниҳод карда мешавад;
- иштирок дар омода кардани қарорҳои шурои олимон;
- назорати иҷрои қарорҳои шурои олимон;
42. Шурои олимон метавонад ҳуқуқи қабули қарор аз рӯи баъзе масъалаҳоро ба шурои олимони факултетҳо, комиссияҳои шурои олимони муассисаи таълимӣ вогузор намояд.
43. Аъзои шурои олимон, ки барои таҳияи масъала масъул аст, бояд на дертар аз 10 рӯз то ҷаласаи шуро лоиҳаи қарори бо комиссияи дахлдор мувофиқашударо ба котиби шурои олимон пешниҳод намояд.

8. ТАРТИБИ КОР ВА ҚАБУЛИ ҚАРОРҲО

44. Ҷаласаҳои шурои олимон аз ҷониби раис тибқи нақшаи кории шурои олимон на камтар аз як маротиба дар як моҳ, ба истиснои рӯзҳои таътили тобистона (июл, август) даъват карда мешавад. Дар мавриди зарурат раис ҳуқуқ дорад, ки ҷаласаҳои ғайринавбатии шурои олимонро даъват намояд.
45. Пеш аз оғози ҷаласа бақайдгирии аъзои шурои олимон гузаронида мешавад.
46. Ҷаласа бо тасдиқи рӯзнома оғоз меёбад. Шурои олимон ваколатдор аст, ки агар дар ҷаласа на камтар аз 2/3 ҳиссаи ҳайати комиссия ҳозир бошанд қарори дахлдорро қабул намоянд.
47. Раиси шурои олимон ва муовини ӯ дар ҳама ҳолат ҳуқуқи баромад карданро доранд.
48. Дар ҷаласаи шурои олимон тартиби корӣ (регламент) қабул карда мешавад.
49. Ба музокира бо қабули аксарияти овози аъзои шурои олимон, ки дар ҷаласа иштирок доранд, хотима дода мешавад.
50. Баъд аз анҷоми музокира маърузачӣ ва ҳаммаърузачӣ ҳуқуқ доранд, ки бо сухани хотимавӣ баромад намоянд.
51. Раисикунанда пеш аз оғози овоздиҳӣ шумораи пешниҳод барои гузоштан ба овоздиҳиро баён ва шаклу қолаби онҳоро муайян менамояд.
52. Қарорҳои шурои олимон чун анъана бо овоздиҳии кушод қабул карда мешаванд. Қарори шурои олимон дар мавриде қабулшуда ҳисобида мешавад, ки ба ҷонибдории он аз нисф зиёди аъзоёни шурои олимон, ки дар маҷлис иштирок доранд, овоз дода бошанд.

53. Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассис дар доираи ваколатҳои худ қарори шурои олимонро дар ҳолатҳои зерин бекор карда метавонанд:
- агар қарори қабулшуда хилофи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёри ҳуқуқӣ бошад;
- агар қарори қабулшуда берун аз салоҳиятҳои шурои олимон бошад;
- агар қарори қабулшуда ба ҷараёни таълиму тарбия ва фаъолияти илмию методии муассисаи таълимӣ таъсири манфӣ расонад;
- агар қарори қабулшуда аз ҷониби суд беэътибор дониста шавад.

54. Ҷаласаҳои шурои олимон бо протокол ба расмият дароварда шуда, аз ҷониби раиси ҷаласа ва котиби шурои олимон имзо ва бо фармоиши ректори муассисаи таълимӣ амалӣ карда мешаванд.

55. Қарори шурои олимон ба тариқи овоздиҳии пинҳонӣ дар ҳолатҳои зерин қабул карда мешавад:
- зимни баргузор намудани интихоботи озмуни вазифаҳои профессорон, дотсентон ва мудири кафедра;
- пешниҳод барои додани унвонҳои илмии профессор ва дотсент (тибқи талаботи “Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ”);
- пешбарии асарҳо ба озмуни ҷоизаҳои давлатӣ;
- аз рӯи масъалаҳои дигар дар асоси қарори махсуси шурои олимон гузаронида мешавад;

56. Овоздиҳии пинҳонӣ бо додани бюллетенҳои овоздиҳӣ гузаронида мешавад.

57. Барои гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ ва муайян кардани натиҷаҳои он аз ҳисоби аъзоёни шурои олимон комиссияи ҳисобӣ интихоб карда мешавад, ки он:
- раиси комиссияи ҳисобиро интихоб менамояд;
- бюллетенҳоро барои овоздиҳии пинҳонӣ ба аъзоёни шурои олимон бо гирифтани имзои онҳо медиҳад:
- қутии интихоботиро дар хонаи алоҳида мекушояд ва овозҳоро ҳисоб мекунад;
- аз рӯи натиҷаҳои овоздиҳӣ протоколи маҷлиси комиссияи ҳисобро таҳия ва имзо менамояд;
- раиси комиссияи ҳисоб дар ҷаласаи шурои олимон матни протоколро мехонад.

58. Протокол бо овоздиҳии кушода бо аксарияти овозҳои аъзои дар ҷаласаи шурои олимон иштирокдошта тасдиқ карда мешавад.

59. Бюллетенҳои овоздиҳии пинҳонӣ баъди тасдиқи протоколи маҷлиси комиссияи ҳисоботӣ дар лифофа бо гузоштани муҳри ректор ва дар парвандаи довталаб нигоҳдорӣ карда мешаванд.

9. КОМИССИЯҲОИ ШУРОИ ОЛИМОН

60. Дар ҳайати шурои олимон оид ба самтҳои асосии фаъолияти муассисаи таълимӣ комиссияҳои зерин таъсис дода мешаванд:
- оид ба корҳои таълимӣ-методӣ;
- оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- оид ба иқтисодиёт , молия ва рушди иҷтимоӣ;
- оид ба кадрҳо ва одоби касбӣ
- оид ба корҳои ҳуқуқӣ ва робита бо ҷомеа;
- оид ба корҳои тарбиявӣ;
- оид ба робитаҳои байналмилалӣ.

61. Рӯйхат ва ҳайати комиссияҳо, инчунин раисони онҳо бо қарори шурои олимон тасдиқ карда мешаванд.

62. Ҳар як аъзои шурои олимон бояд дар кори ақалан як комиссияи шурои олимон иштирок намояд. Аъзои шурои олимон ҳуқуқ дорад, ки аъзои на бештар аз аз ду комиссия ва раиси на зиёда аз як комиссия бошад.

63. Самти асосии фаъолияти комиссияҳо тайёрӣ ва баррасии пешакии масъалаҳои рӯзномаи шурои олимон мебошад. Комиссияҳо масъалаҳои баррасишаванда ва лоиҳаи қарорҳои шурои олимонро таҳия ва омода менамоянд.
64. Аъзои шурои олимон, ки барои баррасӣ дар ҷаласаҳои шурои олимон масъала пешниҳод менамоянд, бояд лоиҳаи қароро пешакӣ дар ҷаласаи комиссияи дахлдори шурои олимон муҳокима намоянд.
65. Қарори комиссия дар ҷаласаи он бо овоздиҳии кушода бо аксарияти овозҳо қабул карда мешавад.
66. Ҷаласаи комиссия дар сурате салоҳиятнок дониста мешавад, ки дар кори он на камтар аз 2/3 ҳиссаи ҳайати комиссия иштирок дошта бошад.
67. Аъзои шурои олимон ҳуқуқ доранд, ки дар кори ҷаласаи ҳар як комиссия бо овози машваратӣ иштирок намоянд.

10. САМТҲОИ АСОСИИ ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯҲО

68. Комиссия оид ба корҳои таълимӣ-методӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:
- омодагӣ ба ҷаласаи шурои олимон оид ба масъалаҳои марбут ба корҳои таълимӣ;
- дастгирии экспертӣ барои таҳияи самтҳои асосии сиёсати таълимии муассисаи таълимӣ;
- баррасии дархостҳои шурои олимони факултетҳо ва таҳияи пешниҳод барои шурои олимони муассисаи таълимӣ дар бораи таъсис додани барномаҳои нави таҳсилотӣ, инчунин ташкил, азнавташкилдиҳӣ, барҳам додан ва иваз кардани номи кафедраҳо;
- таҳлили вазъи таҳия ва такмили васоити таълимӣ, нашри китобҳои дарсӣ ва маводи методӣ;
- баррасӣ ва назорати омодагӣ ва баргузории олимпиадаҳои фаннии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ;
- ташхиси ҳуҷҷатҳои меъёрии фаъолияти таълимӣ, ки дар шурои олимони муассисаи таълимӣ баррасӣ мегарданд;
- якҷоя бо дигар комиссияҳо таҳия намудани низомномаи шуъбаҳои асосии муассисаи таълимӣ;
- баррасии номзадҳои ба мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ пешниҳодгардида, пешниҳоди онҳо ҷиҳати тасдиқ ба шурои олимони муассисаи таълимӣ ва дар бораи онҳо ба мақомоти дахлдор пешниҳод кардани тавсиянома оид ба додани мукофот;
69. Комиссися оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:
- таҳияи масъалаҳои фаъолияти илмӣ дар муассисаи таълимӣ;
- шиносои бо самтҳои асосӣ ва дастовардҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар сохторҳои асосии муассисаи таълимӣ;
- баррасии ҳисоботи солона оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар муассисаи таълимӣ;
- баррасии нақшаҳои солона ва чорабиниҳои илмӣ оид ба корҳои илмӣ-таҳқиқотии муассисаи таълимӣ;
- баррасии корҳои олимони ҷавон ва донишҷӯён, ки ба озмунҳои илмии муассисаи таълимӣ пешниҳод гардидаанд ва таҳияи пешниҳод ба шурои олимон ҷиҳати ба онҳо додани мукофот (стипендияҳои номӣ);
- ташхиси лоиҳаҳои асноди меъёрии ҳуқуқие, ки ҷиҳати баррасӣ ба шурои олимон пешниҳод шудаанд, хусусияти дохили муассисавӣ доранд ва ба масъалаҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии муасисаи таълимӣ марбут мебошад.
- манзур намудани пешниҳод ҷиҳати баррасӣ дар шурои олимон оид ба таъсиси мукофотҳои номӣ, стипендияҳо, ифтихорномаҳои муассисаи таълимӣ, нишонҳои хотиравӣ ва дигар мукофотҳо барои омӯзгорон ва донишҷӯёне, ки дар соҳаи илм ба комёбиҳои назаррас ноил гардидаанд.

70. Комиссия оид ба иқтисодиёт, молия ва рушди иҷтимоӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:
- баррасии буҷети муассисаи таълимӣ;
- таҳлили вазъи молиявию иқтисодӣ (буҷети)-и муассисаи таълимӣ;
- таҳияи принсипҳо ва меъёрҳои умумии худидоракунии молиявии кафедраҳо ва дигар сохторҳои воҳидии муассисаи таълимӣ, тартиби муқаррар намудани маоши иловагӣ ва ёрдампулӣ ба музди меҳнати кормандони муассисаи таълимӣ;
- арзёбии самаранокии хароҷот ва таҳияи пешниҳод оид ба сарфаи захираҳо;
- таҳия ва баррасии нақшаҳои стратегӣ ва барномаҳои рушди иҷтимоии муассисаи таълимӣ;
- таҳияи ҳуҷҷатҳои меъёрӣ оид ба тартиби тақсимоти маблағҳои буҷетӣ, дар бораи фаъолияти ғайрибуҷетии сохторҳо (кафедраҳо), дар бораи низоми тадбирҳо оид ба баҳисобгирӣ, ҳифз ва афзун гардондани захираҳои модии муассисаи таълимӣ;
- таҳияи механизмҳои иқтисодии ҳамкории сохторҳои дохилии муасссисаи таълимӣ;
71. Комиссия оид ба захираҳои кадрӣ ва одоби касбӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:
- гузаронидани таҳлил ва коркарди таклифу пешниҳод оид ба беҳтар намудани сиёсати кадрӣ дар муассисаи таълимӣ;
- муоина ва баррасии пешакии корҳои номзадҳо барои ишғоли ҷойҳои кории холӣ ва парвандаҳои пешниҳодшудаи номзадҳо барои гирифтани мукофотҳои соҳавӣ ва давлатӣ;
- пешниҳоди таклифҳо вобаста ба сифати коргузорӣ дар муассисаи таълимӣ.
72. Комиссия оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва робитаҳои ҷамъиятӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:
- таҳияи механизмҳои ҳуқуқии ҳамкорӣ дар байни сохторҳои муассисаи таълимӣ;
- ташхиси ҳуқуқии пешниҳод оид ба тағйирот дар сохторҳои муассисаи таълимӣ, барҳам додан ва аз нав ташкил кардани сохтору зерсохторҳои муассисаи таълимӣ;
- ташхиси ҳуҷҷатҳои меъёрие, ки барои баррасӣ ба шурои олимон пешниҳод шудаанд ва таҳияи тавсияҳо оид ба ҳамкории муассисаи таълимӣ бо дигар шахсони ҳуқуқӣ
- таҳлили ҳуқуқии лоиҳаи қарорҳои қабулшуда.
73. Комиссия оид ба корҳои тарбиявӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:
- таҳияи Консепсияи сиёсати ҷавонони муассисаи таълимӣ;
- баррасии масъалаҳои ташкил ва баргузории корҳои тарбиявӣ, фарҳангию оммавии муассисаи таълимӣ;
-омода намудани масъалаҳои некуаҳволии иҷтимоӣ, имтиёзҳо ва кафолатҳои иҷтимоӣ;
- ҷудо намудани самтҳои афзалиятноки корҳои тарбиявӣ ва иҷтимоӣ бо донишҷуёни муассисаи таълимӣ;
- таҳияи таклифу пешниҳод оид ба истифодаи самараноки маблағҳои молиявӣ ва воситаҳои моддиют ехникии чорабиниҳои тарбиявӣ, фарҳангию оммавӣ ва варзишию тандурустӣ;
- таҳлили самаранокии кор дар муассисаи таълимӣ ва факултетҳои он вобаста ба самти корҳои тарбиявӣ, фарҳангию оммавӣ ва варзишию тандурустии донишҷуён;
- иштирок дар рушди анъанавӣ ва шаклҳои нави худидоракунии донишҷуён, омӯзиши талабот, дархост, манфиатҳои донишҷуёни муассисаи таълимӣ;
- баррасии санадҳои меъёрии дохилимуассисавӣ дар бораи ташкили таълим, истироҳат ва ҳифзи иҷтимоии донишҷӯён.
74. Комиссияи муносибатҳои байналмилалӣ ваколатҳои зеринро иҷро менамояд:
- таҳлили вазъ ва ҳамкориҳои самараноки байналмилалии муассисаи таълимӣ;
-иштирок дар муайян намудани самтҳои афзалиятноки ҳамкориҳои байналмилалӣ;

- таҳияи пешниҳод оид ба рушди самтҳои стратегӣ дар соҳаи робитаҳои байналмилалии илмӣ-техникӣ ва таълимӣ;
-ташхиси номзадии олимони хориҷӣ ва ходимони ҷамъиятию сиёсӣ, ки ба шурои олимони муассисаи таълимӣ ҷиҳати додани унвони “Доктори фахрии муассисаи таълимӣ” пешниҳод гардидаанд.

75. Шурои олимони муассисаи таҳсилоти олии касбӣ метавонад самтҳои фаъолияти комиссияҳоро тағйир диҳад.

11.МУҚАРРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

76. Дар матни Низомномаи мазкур бо тартиби муқарраргардида тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад.

77. Низомномаи мазкур аз рӯзи қабул ва тасдиқ шуданаш эътибори ҳуқуқи пайдо менамояд.

78.Дар мавриди вайрон кардани меъёрҳои Низомномаи мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқи бо тартиби муқарраргардида ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.